**Суратмаҷлиси № 59-и**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-020

назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 5 апрели соли 2023 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №23/шд тасдиқгардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктрони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи **Алиев Султон Маҳмадшарифович** дар мавзуи **« В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ).

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ – Суфизода Ш.З. ва аъзои комиссияи экспертӣ – Раҷабов Ҳ. ва Раҳмонов Р.Қ. сухан гуфтанд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Тоҳирзода Сурайёхони Тоҳирӣ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 15.06.2024, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор — Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология — Сироҷиддини Эмомалӣ